Бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 2 июли соли 2009 № 390

тасдиқ шудаанд

Тартиби истифодаи усулҳои алтернативии андозбандӣ бо мақсади татбиқи чораҳои иловагӣ оид ба мубориза бо саркашӣ аз пардохти андоз
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120)

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Тартиби истифодаи усулҳои алтернативии андозбандӣ бо мақсади татбиқи чораҳои иловагӣ оид ба мубориза бо саркашӣ аз пардохти андоз (минбаъд - Тартиб) дар асоси муқаррароти моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби истифодаи усулҳои алтернативии андозбандӣ, бо мақсади татбиқи чораҳои иловагӣ оид ба мубориза бо саркашӣ аз пардохти андозро муқаррар менамоянд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

2) Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи 37 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани маблағи андозҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, мақомоти андоз ду тарзи ҳамдигар истиснокунандаро истифода мебаранд, ки ба нигоштаҳои зер асос ёфтаанд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

а) маълумот дар бораи ҳаракати маблағҳои пулӣ дар суратҳисобҳои андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) дар бонк ва (ё) маълумоте, ки дар бораи шахсони зикршуда аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифта шудаанд (тарзи аввал);

б) тартиби ҳисобкунӣ дар асоси маълумот оид ба андозсупорандагоне (дигар шахсони ӯҳдадор), ки ба шаклҳои ҳаммонанди фаъолият машғул мебошанд (тарзи дуюм).

Нисбат ба шахсони воқеӣ мақомоти андоз ҳуқуқ доранд ҳаҷми андозҳоеро, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, дар асоси маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои пулии шахси воқеӣ дар суратҳисоби бонкӣ ва (ё) маълумоте, ки дар бораи андозсупоранда аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифта шудаанд ё ин ки бо тартиби ҳисобкунӣ аз рӯи шаклҳои фаъолият вобаста ба маълумот дар бораи ҳаҷми миёнаи даромад муайян намоянд.

3) Ҳангоми татбиқи тарзи аввали муайян кардани маблағҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, чунин услубҳо истифода бурда мешаванд (чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ дар маҷмӯъ), ба монанди:

- услуби ғайримустақим муайян намудани объектҳои андозбандӣ;

- услуби мустақиман муайян намудани объектхои андозбандӣ.

4) Услуби ғайримустақим муайян намудани объектҳои андозбандӣ имкон медиҳад, ки маблағи фурӯши (гардиши моли) андозсупорандаи санҷидашаванда муайян карда шавад ва маблағи даромади умумии ҳангоми таҳвили молҳо (хизматрасонӣ, иҷрои корҳо) бадастовардаи ӯ ҳисоб карда шавад. Дар ҳамин асос манбаъҳои андозбандии андозҳое, ки аз маблағи фурӯш (даромади умумӣ) (андоз аз арзиши иловашуда ва ғайраҳо) ҳисоб карда мешаванд, муайян мегарданд, инчунин манбаи андозбандии андоз аз фоида (даромад) муайян карда мешавад.

5) Барои муайян кардани маблағи фурӯш (даромади умумӣ) манбаъҳои зерин ба ҳисоб мераванд:

а) маълумот дар бораи ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои бонкӣ;

б) маълумоти мақомоти гумрук дар бораи арзишн сарватҳои молию-моддие, ки аз ҳудуди ҷумҳурӣ бароварда шудаанд ва (ё) аз беруни ҷумҳурӣ гирифта шудаанд;

в) маълумоти ҳисоботи мавҷудаи муҳосибӣ, андоз ва дигар ҳисобот, ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ;

г) нишондоди роҳбар, муҳосиб ё шахсони дигари мансабдори андозсупорандаи санҷидашаванда, соҳибкори инфиродӣ дар бораи ҳаҷми маблағи фурӯши (даромади умумии) дар давраи санҷидашаванда гирифташуда.

6) Маблағи фурӯш (даромади умумӣ) метавонад инчунин ба тариқи ҳисоб кардани маҳсулоти тайёр ва нархи фурӯши маҳсулоти тайёр, ки дар санаи санҷиш ба вуҷуд омадааст, бо роҳи муайян кардани маблағи фурӯши (даромади) миёнаи ҳаррӯза дар рафти муоинаи хронометражӣ дар давоми вақти муайян ва дар асоси он муайян кардани маблағи фурӯш (даромад) барои ҳама рӯзҳои давра, ки барои онҳо андозсупоранда ҳуҷҷат пешниҳод накардааст ва ғайра муайян карда шавад.

7) Бо истифода аз услуби мустақиман муайян намудани объектҳои андозбандӣ хусусиятҳои объектҳои андозбандӣ маълум карда мешаванд, аз ҷумла:

а) фонди музди меҳнат;

б) арзиши воситаҳои асосӣ;

в) масоҳати қитъаи замин;

г) ҳаҷми истихроҷи захираҳои табиӣ.

8) Арзиш ё андозаҳои воқеии объектҳои андозбандӣ, ки тибқи услубҳои ғайримустақим муайян намудани объектҳои андозбандӣ ва (ё) мустақим муайян намудани объектҳои андозбандӣ маълум карда шудаанд, ҷиҳати муайян намудани манбаи дахлдори андозбандӣ барои андозҳои аз рӯи давраи санҷидашаванда пардохташаванда истифода мешавад.

9) Тартиби ҳисобкунӣ барои муайян намудани маблағҳои андозҳое, ки бояд пардохта шаванд, ба истифода кардани маълумот дар бораи андозсупорандагоне (шахсони дисари ӯҳдадоре), ки шаклҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом медиҳанд, асос меёбад.

10) Ҳангоми интихоб намудани андозсупорандагоне, ки шаклҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом додаанд (медиҳанд), меъёрҳои асосии интихоб зерин мебошанд:

а) аз ҷониби онҳо анҷом додани шаклҳои фаъолияте (аз рӯи коди оморӣ ва (ё) ном), ки ҳаммонанди шаклҳои фаъолияти дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё ин ки дигар ҳуҷҷатҳои андозсупорандаи санҷидашаванда зикршуда бошанд;

б) ба мақомоти андоз пешниҳод кардани эъломияҳои андоз (ҳисобҳо) аз рӯи андозҳо, ҳисоб кардан ва ба буҷет пардохт намудани андозҳо.

11) Хусусиятҳои фаъолияти андозсупорандагони интихобгардидаи ҳаммонанд бояд бештар ба хусусиятҳои фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда (ҳаҷми маблағи фурӯши (даромади умумии) гарифташуда, шумораи коркунон, андозаи музди меҳнат барои 1 коргар, ҳаҷми амалиёти содиротию воридотӣ ва ғайраҳо) наздик бошанд. Шумораи андозсупорандагони интихобкардашудаи ҳаммонанд бояд аз ду кам набошад.

12) Аз рӯи маълумоти эъломияҳои андози (ҳисобҳои) дигар андозсупорандагони ҳаммонанд нишондиҳандаади миёнаи фаъолияти онҳо (нишондиҳандаи миёнаи арифметикӣ) муайян карда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо барои андозсупорандаи санҷидашаванда ҳисоб карда мешаванд, яъне чунин ҳисобида мешавад, ки андозсупорандаи санҷидашаванда дорои ҳамон гуна нишондиҳандаҳои фаъолият мебошад, ки андозсупорандагони ҳаммонанд доранд, манбаъҳои дахлдори андозҳо муайян карда мешаванд, андозҳои ҳисобкардашуда бо маблағи андозҳое, ки дар эъломияҳои андози андозсупорандаи санҷидашаванда инъикос шудаанд, муқоиса карда мешаванд ва маблағҳои илова ба буҷет пардохташаванда ҳисоб карда бароварда мешаванд.

13) Агар андозсупоранда ҳуҷҷатҳоеро, ки арзиши молҳои аз қаламрави давлати хориҷӣ харидашуда ва ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридкардашударо тасдиқ менамоянд, надошта бошад, мақомоти андоз ҳуқуқ доранд маблағҳои ба буҷет пардохташавандаи андоз аз арзиши иловашуда ва (ё) аксизҳоро дар асоси арзиши молҳои дигар андозсупорандагоне, ки аз қаламрави давлати хориҷӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти молҳоеро анҷом медиҳанд, ки тибқи қонунгузорӣ нисбат ба молҳои баҳододашаванда аз рӯи меъёрҳои дар қонунгузорӣ овардашудаи молҳои ҳаммонанд (айниятдошта) ба категория молҳои ҳаммонанд (айниятдошта) таалуқ доранд, муайян созанд.

14) Манбаи андозбандӣ ва андозҳои пардохташавандае, ки аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси тарзи якум ё дуюм муайян карда шудаанд, бо нишондиҳандаҳои дахлдоре, ки аз тарафи андозсупоранда (дигар шахси

ӯҳдадор) дар эъломияҳои андоз зикр карда шудаанд ва аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) барои давраи санҷидашаванда ба мақомоти андоз пешниҳод карда шудаанд, муқоиса карда мешаванд. Агар маблағи муайянкардаи мақомоти андоз нисбат ба маблағи дар эъломияҳои андози андозсупоранда инъикоскардашуда камтар шаванд, пас маблағи андозҳое, ки дар эъломияҳои андоз инъикос карда шудаанд, ҳамчун маблағи барзиёд пардохташуда ё аз андозсупоранда барзиёд ситонидашуда дониста намешаванд.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ДАР ДАСТИ АНДОЗСУПОРАНДА ВУҶУД НАДОШТАНИ ҲУҶҶАТҲОИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБАВӢ ВА ДИГАР ҲУҶҶАТҲОЕ (МАЪЛУМОТЕ), КИ БО АНДОЗБАНДӢ АЛОҚАМАНД МЕБОШАНД

15) Мутобиқи бандҳои 11) ва 12) қисми 1 моддаи 34 ва қисмҳои 6 ва 7 моддаи 89 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупоранда ӯҳдадор аст пешбурди баҳисобгирии даромадҳо (хароҷот) ва дигар объектҳои андозбандӣ, дар давоми мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумоти барои андозбандӣ заруриро таъмин намояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

16) Мақомоти андоз ӯҳдадоранд ба андозсупорандагоне (дигар шахсони ӯҳдадоре), ки беосеб нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқамандро таъмин накардаанд ё ин ки пешбурди баҳисобгирии даромадҳоро (хароҷотро) тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ" таъмин нанамудаанд, бо муқаррар кардани мӯҳлати барқарор кардани баҳисобгирӣ, аммо на бештар аз 30 рӯз пешниҳод созанд, ки баҳисобгирии муҳосибиро (баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷотро) барқарор намоянд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

Пешниҳод барои барқарор намудани баҳисобгирӣ дар шакли дархости хаттии мақоми андоз ба унвони андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) фиристода мешавад. Дар ҳолати қабул гардидани қарор дар бораи талаб намудани барқарорсозии баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот) ҷараёни мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои гузаронидани санҷиши андоз қатъ мегардад.

17) Барқарорсозии баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот) тавассути аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) аз шахсоне, ки бо онҳо амалиёти хоҷагӣ анҷом дода шудааст, аз бонки хизматрасон ва дигар шахсони ҳуқуқӣ гирифтани нусхаҳои дар шакли зарурӣ тасдиқкардашудаи ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ, батартибдарории минбаъдаи он ва дар регистрҳои баҳисобгирии таҳлилӣ ва синтетикӣ инъикос намудан, анҷом дода мешавад.

Эъломияҳои (ҳисобҳои) аниққардашудаи андозҳо, ки аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) пас аз барқарорсозии баҳисобгирӣ ба мақоми андоз пешниҳод карда шудаанд, ҳангоми таҳияи санади санҷиш истифода бурда мешаванд.

18) Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) то мӯҳлати дар талабот муқарраршуда иҷро нагардидани пешниҳоди мақоми андоз дар бораи барқарор намудани баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот) ва дигар объектҳои андозбандӣ, санҷиши андоз барқарор карда шуда, бо истифода аз усулҳои дар Боби 3 Тартиб зикршуда анҷом дода мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

19) Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда - шахси воқеӣ (дигар шахси ӯҳдадор) ба мақоми андоз тибқи тартиби муқарраршуда пешниҳод нагардидани эъломияҳои андоз (ҳисобҳо), инчунин дигар ҳуҷҷатҳо ва маълумоте, ки барои андозбандӣ заруранд ё ин ки рад гардидани пешниҳод намудани онҳо бо талаби мақоми андоз услубҳои дар Боби 3 Тартиб зикршуда истифода бурда мешаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

## БОБИ 3. ТАРЗУ УСЛУБҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ҲАНГОМИ МАВҶУД НАБУДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ТАСДИҚКУНАНДА

20) Ҳангоми дар дасти андозсупоранда (шахси дигари ӯҳдадор) вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқаманд ва (ё) мавҷуд набудани пешбурди баҳисобгирии даромадҳо (хароҷот), ки имконияти ҳисоб кардани андозҳоро таъмин менамоянд ё ин ки ҳангоми пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ мақоми андоз ҳуқуқ дорад ҳаҷми андозҳоеро, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, бо яке аз тарзҳои зерин муайян созад:

а) дар асоси маълумот оид ба ҳаракати воситахри пулӣ дар ҳисобҳои андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) дар бонк ва (ё) маълумоте, ки дар бораи ӯ аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифта шудаааnд;

б) тартиби ҳисобкунӣ дар асоси маълумот оид ба дигар андозсупорандагоне (дигар шахсони ӯҳдадор), ки ба шаклҳои ҳаммонанди фаъолият машғул мебошанд.

Тарзи муайян кардани ҳаҷми андозхоеро, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, санҷишгар бо дарназардошти хусусияти фаъолияти андозсупорандаи (дигар шахси ӯҳдадори) санҷидашаванда мустақилона интихоб намуда, оид ба тарзи истифодашуда дар санади санҷиш сабти дахлдор мегузорад. Ҳамзамон, нисбат ба ҳар як соли тақвимии санҷидашаванда (нисбат ба як қисми он, агар санҷиш як қисми онро дар бар гирад) метавонад танҳо яке аз тарзҳое, ки дар қисми якуми ҳамин банд нишон дода шудааст, истифода бурда шавад.

21) Ҳангоми дар асоси маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) дар бонк ва (ё) маълумоте,

ки дар бораи шахсони зикршуда аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифта шудаанд, муайян намудани маблағи андозҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, услубҳои зерин истифода карда мешаванд (ҷӣ дар алоҳидагӣ ва ҷӣ дар маҷмӯъ):

- услуби ғайримустақим муайян кардани объектҳои андозбандӣ;

- услуби мустақиман муайян кардани объектҳои андозбандӣ.

Ҳангоми истифода бурдани тарзҳое, ки дар банди 20 Тартиб зикр шудаанд, аз ҷониби санҷишгарон тамоми далелҳои вуҷуддошта (гирифтани маблағи фурӯш (даромади умумӣ), фурӯши молҳо (корхо, хизматрасонӣ), вуҷуд доштани амвол ҳамчун моликият ва ғайраҳо) ба инобат гирифта мешаванд, новобаста аз он, ки далелҳои мазкур дар ҳар соли (як қисми он, агар санҷиш як қисми соли тақвимиро дар бар гирад) тақвимии санҷидашаванда бо тарҳҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз аз даромад (аз ҷумла тарҳҳое, ки ба категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон дахл доранд) ё имтиёзҳои андоз алоқаманд буданд. Агар андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) то таҳияи санади санҷиши ҳуҷҷатӣ ба мақоми андоз ҳуҷҷатҳоеро, ки алоқаманд будани далели мушаххасеро бо тарҳҳои зикргардида ё имтиёзҳои андоз тасдиқ менамоянд, пешниҳод созад, чунин ҳуҷҷатҳо, ба шарти дар рафти санҷиш тасдиқ шудани ҳақиқӣ будани маълумоти дар онҳо мавҷудбуда ба инобат гирифта мешаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

22) Ҳангоми дар дасти андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор)шахси воқеӣ вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои бо андозбандӣ алоқамандбуда (рад кардани пешниҳод намудани онҳо), мақоми андоз ҳуқуқ дорад ҳаҷми маблағҳоеро, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, дар асоси маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисоби шахси воқеӣ дар бонк ва (ё) маълумоте, ки дар бораи андрзсупоранда аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифта шудааанд ё ин бо тартиби ҳисобкунӣ аз рӯи намудҳои фаъолият муайян намояд.

## БОБИ 4. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ УСЛУБИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ МУАЙЯН НАМУДАНИ ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ

23) Барои мақсадҳои андозбандӣ андозаи маблағи фурӯш (гардиши мол) метавонад дар асоси маълумоти мухталиф муайян карда шавад:

а) маблағи фурӯш (гардиши мол) бо истифода аз услуби ғайримустақим муайян кардани маблағи фурӯш (гардиши мол) ё дар асоси яке аз манбаъҳои маълумоти дар зер овардашуда ё бо дарназардошти якчанд манбаъҳои дар зер овардашуда муайян карда мешавад, ба шарте ки онҳо аз рӯи таркиби иқтисодӣ инъикоси як амал набошанд:

- дар асоси маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои бонкӣ;

- бо роҳи ҷамъ кардани арзиши сарватҳои молию моддӣ, ки тибқи амалиёти табодули мол дода ва гирифта шудаанд;

- маълумоти мақомоти гумрук дар бораи арзиши маҷмӯии сарватҳои молию моддии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ интиқолдодашуда ва (ё) берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ гирифташуда, аммо на пасттар аз нархҳои молҳое (корҳо, хизматрасоние), ки дигар андозсупорандагон истифода менамояд ё ин ки дар маълумотномаҳо, каталогҳо, нашриёти даврӣ, маводи хабарии ташкилотҳои савдо, хулосаҳои ташхисӣ мавҷудбуда;

- маълумоти шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони воқеие, ки биноҳоро ба иҷора медиҳанд, доир ба нигоҳ доштани сарватҳо, дар бораи мӯҳлатҳои ба иҷора додан, шумора ва (ё) арзиши сарватҳои молию моддӣ, ки аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда ба (аз) ҳудуд ва (ё) анбор, дигар ҷойҳои нигоҳдорӣ ворид карда (бароварда) шудаанд;

- маълумоти ташкилотҳои нақлиётию экспедиторӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони воқеӣ доир ба арзиш ва (ё) миқдори барои андозсупорандаи санҷидашаванда (дигар шахси ӯҳдадор) овардашудаи сарватҳои молию моддӣ ва санаҳое, ки дар онҳо интиқолот анҷом дода шудаанд;

- маълумоти фармоишгарон дар бораи арзиши корҳои (хизматрасонии) аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда (дигар шахси ӯҳдадор) анҷомдодашуда;

- маълумоти харидорон дар бораи арзиш ва миқдори сарватҳои молию моддии (маҳсулоти) харидашуда;

- нишондоди роҳбар, муҳосиб ё шахсони дигари мансабдори ташкилоти санҷидашаванда, соҳибкори инфиродӣ дар бораи маблағи фурӯши (даромади) дар давраи саҷидашаванда гирифташуда;

- бо роҳи ҳисоби баромади истеҳсоли маҳсулоти тайёр бо назардошти миқдори ашёи хоми (яке аз қисматҳои асосии маҳсулоти тайёре, ки дар таркиби дастур, шартҳои техникӣ, стандарти давлатии маснуот тасдиқ мешаванд) харидашуда, боқимондаҳои воқеии он ва нархҳои фурӯши маҳсулоти тайёр, ки дар санаи санҷиш ташаккул ёфтаанд;

- бо роҳи ҳисоби маҳсулоти тайёр бо назардошти хаҷми нерӯистифодабарии таҷҳизоти барқӣ ва миқдори нерӯи барқи истифодашуда тибқи маълумоти хадамоти назорати барқ, миқдори-соатҳои корӣ ва самаранокии таҷҳизот дар як соати корӣ;

- имконияти гузарониши объектҳо барои хизматрасонии мизоҷон (шумораи ҷойҳои нишаст дар тарабхонаҳо ва қаҳвахонаҳо, шумораи ҷойҳои нишаст дар толорҳои намоишӣ ва ғайраҳо) ва натиҷаҳои санҷишҳои ғайринақшавӣ доир ба муқаррар кардани шумораи ҷойҳои воқеан ишғолшаванда, оид ба даромадн аз як мизоҷ гирифташуда. Натиҷаҳои санҷишҳои ғайринақшавӣ барои муайян кардани даромади ҳамаи рӯзҳои кории давраи санҷидашаванда (масалан, барои доир намудни чорабиниҳои консертию тамошоӣ) истифода бурда мешаванд;

- аз рӯи микдори зарфҳои холии сарватҳои молию моддӣ дар ҷойҳои тиҷорат, гунҷоиши онҳо ва нархи фурӯш барои як воҳиди сарватҳои молию моддӣ;

- бо роҳи анҷом додани муоинаи хронометражӣ дар давоми вақти муайян дар тӯли якчанд рӯзи кории андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор), сабт кардани даромади гирифташуда, ҳисоб карда баровардани даромади миёнаи ҳаррӯза ва дар асоси нишондиҳандаҳои ба дастовардашуда муайян кардани даромад барои давраи санҷидашаванда ва ҳамаи рӯзҳои давра, ки барои онҳо андозсупоранда (шахси дигари ӯҳдадор) ҳуҷҷатҳое пешниҳод наменамояд, ки доир ба фаъолияти мавқуфгузошташуда шаҳодат медиҳанд (маълумотномаҳои муассисаҳои тиббӣ дар бораи рӯзҳои корношоям будан, қайдҳои хадамоти сарҳадӣ дар шиноснома дар бораи баромадан аз худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо);

- аз рӯи китоби хазинаи андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) ва нишондодҳои ҳисобкунаки мошинаи назоратию хазинавӣ, фаъол кардани хотираи сабтшавандаи мошинаи назоратию хазинавии ҷамъкунанда бо ҷалб намудани мутахассиси маркази хизматрасонии техникӣ (ҳангоми зарурат), инчунин аз рӯи дигар ҳуҷҷатҳо, ки дар бораи гирифтани воситаҳои нақди пулӣ барои маҳсулоти (корҳо, хизматрасонии) фурӯхташуда.шаҳодат медиҳанд;

- аз рӯи дигар маълумот дар бораи фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда (дигар шахси ӯҳдадор).

б) арзиши молҳои ройгон гирифташуда (додашуда), корҳои иҷрошуда, хизматрасонии пешниҳодшуда аз рӯи асосҳои зерин муайян карда мешаванд:

- нархҳои (тарифҳои) молҳо (корҳо, хизматрасонӣ);

- нархҳои молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ, ки дар маълумотномаҳои махсуси хориҷию ватанӣ, каталогҳо, матбуоти даврӣ, маводи хабарии ташкилотҳои фурӯшанда, хулосаҳои ташхисӣ дарҷ гардидаанд;

- маълумоти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар бораи арзиши аз ҷониби онҳо ба андозсупорандаи санҷидашаванда ройгондодаи (аз андозсупорандаи санҷидашаванда гирифтаи) молҳо, корҳои иҷрошуда, хизматрасонӣ

- аз рӯи дигар маълумот дар бораи молҳои ройгон гирифташуда (додашуда), корҳои иҷрошуда, хизматрасонии пешниҳодшуда.

24) Даромади умумӣ бо истифодаи услуби ғайримустақим муайян намудани даромади умумӣ ба тариқи зерин муайян карда мешавад:

а) барои андозсупорандагоне, ки фаъолияти таъминотию фурӯш, миёнаравӣ ва савдоро анҷом медиҳанд, аз рӯи формулаи:

ДУ= ДхХ 100+Х

ки дар он ДУ - даромади умумии ҳисобкардашуда;

Д - даромад (гардиши мол), ки аз рӯи манбаъҳои дар банди 23 Тартиб инъикосгардида муайян карда шудааст (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*);

Ҷ - сатҳи ниҳоии болонархии (арзонкунии савдои) яклухт (савдо), ки тибқи қонунгузорӣ (агар қонунгузорӣ чунин сатҳи ниҳоиро муқаррар карда бошад) ё дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ ё нишондиҳандаҳои муоинаҳои хронометражӣ ё дигар муоинаҳо муқаррар карда мешавад;

б) барои андозсупорандагоне, ки фаъолияти савдою истеҳсолиро анҷом медиҳанд, аз рӯи формулаи:

ДУ= ДхН, 100+Н

ки дар:он ДУ - даромади умумии ҳисобкардашуда;

Д - даромад (гардиши мол), ки аз рӯи манбаъҳои дар банди 23 Тартиб инъикосгардида муайян карда шудааст (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*);

Н - хаҷми баландарини болонархӣ ба маҳсулоти истеҳсоли худии ташкилотҳои хӯроки умумӣ тибқи категорияи ба объекти хӯроки умумӣ додашуда, ки мувофиқи санадҳои меъёрӣ-хукуқӣ (агар чунин сатҳи ниҳоӣ мукаррар шуда бошад) ё дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ ё нишондиҳандаҳои муоинаҳои хронометражӣ ё дигар муоинаҳо муқаррар карда мешавад.

Хориҷ карда шуд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*);

Хориҷ карда шуд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*);

Муқаррароти мазкур дар ҳолате татбиқ мегардад, ки агар дар рафти гузаронидани санҷиш муайян кардани ҳиссаи даромаде, ки барои ҳар як намуди фаъолият рост меояд, имконнопазир бошад.

25) Даромаде, ки аз рӯи манбаъҳои дар банди 23 Тартиб инъикосгардида муайян карда шудааст, барои муайян кардани андозҳои пардохташаванда, ки аз даромад ҳисоб карда шудаанд, ба инобат гирифта мешавад (барои андозсупорандагоне, ки фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, иҷрои корҳоро анҷом медиҳанд) (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

Гардиши мол, даромади умумӣ, ки тибқи бандҳои 23 ва 24 Тартиб муайян карда шудаанд, барои муайян кардани андозҳои пардохташаванда, ки барои ҳисоб кардани онҳо гардиши мол, даромади умумӣ (барои андозсупорандагоне, ки фаъолияти таъминотию фурӯш, савдо, савдою истеҳсолӣ ва миёнаравиро анҷом медиҳанд) ҳамчун манбаи андоз қабул карда мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

26) Барои муайян кардани фоидаи (даромади) андозбандишаванда ва авдозҳое, ки аз фоида ҳисоб карда шуда, бояд пардохта шаванд, инчунин андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд ба буҷет пардохта шавад, харрҷоти воқеӣ, маблағҳои пешниҳодшуда ва пардохташудаи андоз аз арзиши иловашуда, ки бо санҷишҳои мутақобила тасдиқ шудаанд, инчунин маълумоти дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ ба инобат гирифта мешаванд.

## БОБИ 5. ТАРТИБИ ТАТБИҚИ УСЛУБИ МУСТАҚИМАН МУАЙЯН НАМУДАНИ ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ

27) Бо истифода бурдани усули мустақиман муайян намудани объектҳои андозбандӣ объектҳои зерини андозбандӣ ошкор карда мешаванд:

а) фонди музди меҳнат бо чунин асосҳо муайян карда мешавад:

- нусхаҳо дар бораи аз бонк гирифтани воситаҳои пулӣ барои пардохти музди меҳнат ва дигар мақсадҳо;

- маълумоти фармоишгарон (харидорон) дар бораи ҳаҷми воситаҳои накди пулӣ, ки ба андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) (намояндаҳои он) дода шудаанд ва тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҳисобҳои бонкӣ ворид карда нашудаанд;

- пулгузаронӣ ба ҳисобҳои амонатии бонкии шахсони воқеӣ;

- пурсиши шахсоне, ки музди меҳнат ё барои иҷрои шартномаҳои гражданию ҳуқуқӣ пардохт гирифтаанд;

- тавассути ҳисоб кардан дар асоси щумораи кормандон дар давраи санҷидашаванда ва тарифҳои ҷумҳуриявии қонунгузории амалкунанда барои фарқнок сохтани музди меҳнати кормандон муқаррарнамуда ва аз ҷониби кироякунандагон барои мақсадҳои кафолати минималии ҳаҷмҳои пардохти музди меҳнат истифодашаванда;

б) арзиши воситаҳои асосӣ бо асосҳои зерин муайян карда мешавад:

- маълумоти бонк дар бораи гузаронидани маблағҳо барои хариди воситаҳои асосӣ;

- маълумоти шахсони дигар дар бораи арзиши балансии воситаҳои асосии барои иҷора пешниҳодшуда;

- маълумоти фондҳои давлатӣ дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва кадастри замин ва Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба биноҳо, иншоот, қитъахои замин ва воситаҳои нақлиёт, ки ба номи андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) ба қайд гирифта шудаанд;

- натиҷаҳои инвентаризатсияе, ки мақоми андоз муқаррар кардааст;

в) ҳаҷми қитъаи замин дар асоси маълумоти мақоми иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи қабул кардани қарор оид ба додани қитъаи замин ё додани санади давлатӣ доир ба қитъаи замин (шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи истифодаи муваққатии қитъаи замин) ва (ё) чен кардани он бо ҷалб намудани мутахассисони хадамоти давлатии заминсозӣ ва (ё) қитьаҳои замини дар вақташ баргардониданашуда муайян карда мешавад;

г) ҳаҷми захираҳои табиии истихроҷшуда тавассути ҷалб кардани мутахассисони дахлдор барои ченкунии назоратии ҷойҳои истихроҷи захираҳо ва (ё) ҳаҷми корҳои иҷрошуда муайян карда мешавад.

Арзиш ё ҳаҷмҳои воқеии объектҳои андозбандӣ, ки тибқи ҳамин банд муайян карда шудаанд, барои муайян кардани манбаи дахлдори аидозбандӣ ва

андозҳое, ки барои давраи санҷидашаванда бояд пардохта шаванд, истифода мегарданд.

28) Дар ҳолате, ки андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқамандандбударо барои давраҳои алоҳида (моҳ, семоҳа, сол)-е, ки барои онҳо санҷиши андоз гузаронида шудааст (мешавад) дорад, он гоҳ маблағи даромади (фоидаи) гирифташуда ва андозҳои ҳисобкардашуда барои ҳисоб кардани андозҳо барои давраҳое, ки дар онҳо ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои бо андозбандӣ алоқаманд мавҷуд нестанд, истифода бурда мешаванд.

29) Ҳаҷми андозҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, ҳангоми дар дасти андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) - шахси воқеӣ набудани ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқаманд (ҳангоми рад намудани пешниҳод кардани чунин ҳуҷҷатҳо), аз ҷониби мақоми андоз вобаста аз нишондиҳандаҳое, ки барои муайян кардани манбаи андоз иштирок менамоянд ва (ё) дар асоси маълумоти дар мақоми андоз мавҷудбуда ва аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ гирифташуда муайян карда мешавад.

Аз он ҷумла, ҳаҷми андозҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, метавонад дар асоси маълумоти зерин муайян карда шавад:

а) дар бораи дар ҳисобҳои бонкӣ мавҷуд будани воситаҳои пулии шахси воқеӣ, ҳаракати воситаҳои пулӣ дар ҳисобҳои шахси воқеӣ;

б) хароҷоти анҷомдодаи шахси воқеӣ (харидани амвол, пардохти хизматрасонии коммуналӣ, тиббӣ, хароҷот барои таҳсилот ва ҳоказо);

в) аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баромадани шахси воқеӣ ва давомнокии вақти берун аз қаламрав будани ӯ;

г) ҷои кор ва (ё) манбаи гирифтани даромади шахси воқеии санҷидашаванда;

д) нархҳои молҳо, корҳо, хизматрасонии аз ҷониби шахси воқеӣ гирифташуда ва дар маълумотномаҳои ватанӣ ва хориҷӣ, каталогҳо, матбуот, маводи ахборотии ташкилотҳои савдо, хулосаҳои ташхисӣ мавҷудбуда;

е) ӯҳдадориҳои кироякунанда барои бо кор таъмин кардан ва ҳаҷми подошпулии кафолатдодашуда барои иҷрои корҳо, хизматрасонӣ, давомнокии миёнаи вақти корӣ.

## БОБӢ 6. МУАЙЯН КАРДАНИ ҲАҶМИ АНДОЗЕ, КИ АЗ РӮИ ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ БОЯД БА БУҶЕТ ПАРДОХТА ШАВАД

30) Барои муайян кардани ҳаҷми андозҳое, ки аз рӯи тартиби ҳисобкунӣ бояд ба буҷет пардохта шаванд маълумот дар бораи андозсупорандагон (дигар шахси ӯҳдадор), ки бо намудҳои ҳаммонанди фаъолият машғул мебошанд, истифода бурда мешавад, дар қаламрави вилоят (шаҳр, ноҳия) дигар андозсупорандагоне (дигар шахси ӯҳдадор) ошкор карда мешаванд, ки намудҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом медиҳанд. Андозсупорандагони

ошкоршуда (дигар шахсони ӯҳдадор) бояд тибқи тартиби муқарраршуда дар назди мақомоти андоз ҳисобот супоранд, ҳамаи андозҳои муқарраршударо ҳисоб ва пардохт кунанд (яъне андозсупорандагони боинтизом бошанд).

Аз рӯи ҳисобҳои андози (эъломияҳои) ҳамин андозсупорандагон (дигар шахси ӯҳдадор), ки намудҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом медиҳанд, (маъмулан ду нафар чунин андозсупорандагон (дигар шахси ӯҳдадор), ки ба хусусияти фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда (дигар шахси ӯҳдадор) бештар наздикӣ доранд), нишондиҳандаҳои зерини миёна ҳамчун нишондиҳандаи миёнаи арифметикӣ ҳисоб карда бароварда мешаванд:

а) даромад (гардиши мол);

б) даромади умумӣ;

в) фоидаи андозбандишаванда;

г) фонди музди меҳнат;

д) ҳаҷми андоз аз арзиши иловашуда, ки ба буҷет пардохта шудааст (аз он ҷумла андоз аз арзиши иловашуда, ки ҳангоми воридоти мол аз дигар мамлакатҳо пардохта шудааст);

е) ҳаҷми захираҳои табиии истихроҷшуда (истифодашуда).

Ҳангоми зарурат барои муайян кардани объектҳои андозбандӣ аз ҷониби санҷишгарон метавонанд дигар нишондиҳандаҳои фаъолияти андозсупорандагон, ки намудҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом медиҳанд, истифода шаванд (тарифҳо барои корҳои иҷрошаванда, хизматрасонӣ, нархҳои маҳсулот, молҳо, фоиданокӣ, меъёрҳои сарфи ашёи хом ва мавод, меъёрҳои истеҳсоли маҳсулоти тайёр ва ғайра).

Ҳангоми муайян кардани ҳамаи нишондиҳандаҳои зарурӣ маблағҳои имтиёзоти андозии андозсупорандагоне, ки намудҳои ҳаммонанди фаъолиятро анҷом медиҳанд, ба инобат гирифта намешаванд.

31) Дар асоси нишондиҳандаҳое, ки дар банди 30 Тартиб зикр карда шудаанд, аз ҷониби санҷишгарон маблағҳои дахлдори андозҳое ҳисоб карда мешаванд, ки бояд аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда ба буҷет пардохта шаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

## БОБИ 7. ТАРТИБИ ИСТИФОДАИ НАТИҶАҲОИ ТАТБИҚИ УСЛУБҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ВА НАТИҶАҲОИ БО ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ МУАЙЯН КАРДАНИ ПАРДОХТҲО БА БУҶЕТ

32) Дар асоси объектҳои андозбандие, ки тибқи Тартиб муқаррар шудаанд, барои андози дахлдор манбаи андоз муайян карда мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

Манбаи андоз ва андозҳое, ки бояд пардохта шаванд бо нишондиҳандаҳои дахлдори дар эъломияҳои андоз (ҳисобҳо) зикркардаи андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор), ки андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) барои давраи

санҷидашаванда ба мақоми андоз пешниҳод намудааст, муқоиса карда мешаванд. Агар аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) эъломияҳои андоз (ҳисобҳо) пешниҳод ва андозҳои муқарраргардида пардохта нашуда бошанд, пас тамоми маблағи андоз, ки тибқи тарзҳо ва усулҳои татбиқшуда муайян карда шудаанд, ҳамчун пардохтанашуда (барилова ҳисобшуда) дониста мешавад.

Дар чунин ҳолат маблағҳои имтиёзҳои андозӣ, ки аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) истифода шудаанд, аз ҷониби санҷишгарон ҳангоми муайян кардани маблағи андоз, ки бояд ба буҷет пардохта шавад, ба инобат гирифта мешаванд, ба шарте ки, агар аз ҷониби андозсупоранда дар давраи санҷидашаванда ба мақоми андоз якҷоя бо эъломияи андоз (ҳисобҳо) доир ба андози дахлдор ҳуҷҷатҳое пешниҳод шуда бошанд, ки ба имтиёз ҳуқуқ доштанро тасдиқ намоянд. Эътимоднокии чунин ҳуҷҷатҳо метавонад аз ҷониби санҷишгарон таҳти санҷиши иловагӣ қарор гирад.

33) Андозҳои тибқи Тартиб муайяншуда, ки бояд пардохта шаванд, аз ҷониби мақомоти андоз метавонанд танҳо дар мавриди аз ҷониби андозсупорандагон (дигар шахсони ӯҳдадор) дар мӯҳлати на зиёда аз 30 рӯз аз санаи ба андозсупоранда додани санади санҷиш пешниҳод гаштани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибавии барқароршуда (дигар ҳуҷҷатҳои ба андозбандӣ алоқаманд) аз нав дида баромада шаванд (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

Агар аз ҷониби андозсупоранда (дигар шахси ӯҳдадор) дар давраи гузаронидани санҷищ ҳуҷҷатҳое пешниҳод шаванд, ки гирифтани маблағи фурӯшро (даромадро) дар ҳаҷми камтар, нисбат ба ҳаҷми тибқи Тартиб муайяншуда, тасдиқ созанд, аз ҷониби санҷишкунанда тавассути гузаронидани санҷишҳои мутақобила эътимоднокии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида муқаррар карда мешавад ва маблағи фурӯш (даромад) бо назардошти натиҷаҳои бадастомада ба инобат гирифта мешавад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

34) Дар ҳолате, ки агар маблағи андозҳои тибқи Тартиб муайяншуда аз ҷониби мақомоти андоз аз нав дида баромада шаванд, иловаҳо ба санади санҷиши андоз таҳия карда мешаванд ё худ санҷиши иловагӣ гузаронида мешавад, ки хулосаҳои санади санҷишро аниқ месозад (*қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2013 № 168*).

Дар асоси санади санҷиш, санади иловагии санҷиш роҳбари мақоми андоз қарор кабул менамояд, ки дар он дар баробари дигар маълумот зикр карда мешавад, ки қарор оид ба санади санҷиши пешина бояд тағйир дода (пурра карда) шавад ё пурра ё худ қисман аз эътибор соқит дониста шавад.

Дар асоси иловаҳо ба санади санҷиш ба қарори қаблан қабулшуда тағйирот (иловаҳо) ворид карда мешаванд.

## БОБИ 8. МӮҲТАВОИ ИҚТИСОДӢ ВА АФЗАЛИЯТ ДОШТАНИ МӮҲТАВО НИСБАТ БА ШАКЛ

35) Андозсупорандагон наметавонанд худ ба худ муқаррароти қонунгузории андозро татбиқ намоянд, агар мӯҳтавои иқтисодии (таркиби иқтисодии) амалиёт ё силсилаи амалиётҳо нисбат ба имтиёзҳои андоз, ки андозсупоранда дархост дорад, кам бошад, зеро мақомоти андоз мутобиқи моддаи 38 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд амалиётеро, ки моҳияти муҳими иқтисодӣ надорацд, ба инобат нагиранд ва мувофиқи вазъи воқеӣ онҳоро тағйир диҳанд. Барои қабули қарор вобаста ба истифодаи ҳуқуқи таҷдиди назар намудани ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда дар асоси мӯҳтавои иқтисодӣ аз мақомоти андоз талаб карда мешавад, ки тахлили сезинагӣ гузаронанд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 №120).

а) муайян кардан лозим аст, ки оё имтиёзҳои андозии дархостнамудаи ацдозсупоранда аз маҷмӯи амалиёти алоҳидаи (мустақили) моҳияти андозидошта бар меоянд ё на;

б) муайян кардан лозим аст, ки оё ин амалиёти моҳияти андозидошта мавқеи софи (нетто-мавқеи) иқтисодии андозсупорандаро бисёр тағйир медиҳанд;

в) муайян кардан лозим аст, ки имтиёзҳои андозии дархостнамудаи андозсупоранда то кадом андоза беасос ва ғайриқонунӣ мебошанд.

Ҳангоми анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ маъмулан мавҷуд набудани (нокифоягии) мӯҳтавои иқтисодӣ ҳамон вақте ба вуҷуд меояд, ки ӯҳдадориҳои молиявии ҷубронкунанда ё ҳаракати даврии пули накд вуҷуд доранд. Андозсупоранда дар интихоби ташкили амалиёти хоҷагии худ озод аст. Бинобар ин андозсупоранда натиҷаҳои андозии интихоби худро бояд фаҳмад (қабул кунад) ва гумон накунад, ки натиҷаҳои андозии амалиёт хангоми чунин мӯҳтавои иқтисодӣ фарқ мекунанд. Мисоли мавҷуд набудани (нокифоягии) мӯҳтавои иктисодӣ: Андозсупоранда дар соли аввал олати молиявӣ (саҳмияҳо, вомбаргҳо) мехарад, ки маблағи он дарҳол пас аз оғози соли дуюм бояд пардохта шавад. Андозсупоранда олати молиявии мазкурро ба сифати кафолат барои гирифтани қарзи фоиздор бо мақсади харидани дигар олати молиявӣ истифода менамояд. Маблағи даромади фоизӣ ва хароҷоти фоизии Андозсупоранда аз рӯи амалиёти мазкур тақрибан якхела мешаванд. Андозсупоранда маблағи тарҳшавандаи фоизро дар соли аввал дархост намуда, аммо то соли дуюм оид ба даромади фоизӣ аз рӯи олати молиявӣ бояд иттило надиҳад (эъломия накунад). Дар ин амалиёт мӯҳтавои иқтисодӣ мавҷуд нест, зеро андозсупоранда худ аз худ муқаррароти андозро барои суръат бахшидани тарҳҳои андозӣ дар соли аввал, бе самараи иқтисодии калон барои андозсупоранда татбиқ кардааст.

36) Барои мақсадҳои муайян намудани ӯҳдадориҳои андоз мақомоти андоз ҳуқуқ доранд амалиётро тибқи вазъияти воқеӣ аз нав ба расмият дарорад, дигар шакли амалиёт ба мӯҳтавои он мутобиқат накунад.

Мисоли афзалият доштани мӯҳтаво бар шакл:

Соҳиби корхонаи тиҷоратӣ (шахси ҳуқуқӣ) ба ин корхона маблағгузорӣ менамояд. Барои он ки ҳамин шахси ҳуқуқӣ зерин тарҳро нисбат ба фоизҳо аз даромади андозбандишаванда гирад, соҳибмулк ҳуҷатҳоеро таҳия менамояд, ки дар онҳо саъй мекунад маблағгузории (сармоягузории) худро ба шахси ҳуқуқии мазкур ҳамчун қарз (бо вуҷуди доштани иҷозатномаи дахлдор барои ин амал), аммо на барои ба даст овардани маҷмӯи саҳмияҳо (ҳисса) ба расмият дарорад. Дар ин ҳолат мақомоти андоз метавонанд чунин ҳисобанд, ки мӯҳтавои чунин маблағгузорӣ (сармоягузорӣ) маҷмӯи саҳмияҳо мебошад, аммо на қарз.

## БОБИ 9. ДИГАР УСЛУБҲОИ БАҲОДИҲИИ ҒАЙРИМУСТАҚИМ, КИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ИСТИФОДА МЕБАРАНД

37) Услуби депозити бонкӣ ва хароҷоти хазинавӣ:

а) тибқи ин услуб даромад бо дарназардошти он ҳисоб карда мешавад, ки андозсупоранда пулҳои худро чӣ гуна истифода мебарад. Ин услуб ба он назария асоснок карда шудааст, ки агар андозсупоранда пул гирад, пас бо ин пулҳо метавонад танҳо ду амалиёт сурат гирад: ё ин пулҳо ба бонк (ба депозит) гузошта мешаванд ё хароҷот карда мешаванд;

б) тибқи ин услуб даромад тавассути таҳлили ҷузъ ба ҷузъ ва амиқи ҳамаи пасандозҳои бонкӣ, чекҳои пардохтшуда, амалиёти асьорӣ ва амалиёти дебетии электронӣ, пулгузаронӣ ва қарздиҳии ҳисобҳои бонкӣ, инчунин муайян кардани хароҷоти хазинавии андозсупоранда муқаррар (тасдиқ) карда мешавад;

в) таҳлили ҳисобҳои бонкӣ бо мақсадҳои зерин истифода мешавад:

- муайян кардани депозитҳое (пасандозҳое), ки метавонанд дар натиҷаи даромади андозбандишаванда ташаккул ёбанд;

- муайян кардани он, ки хароҷоти соҳибкорӣ мумкин аст аз дигар манбаъҳо пардохта шуда бошанд (ба монанди пули нақди хазина ё маблағҳои пасандозшуда) ё онҳо зиёд нишон дода шудаанд;

- баҳо додан ба таваккали омехта кардани ҳисобҳои шахсӣ бо ҳисобҳои бонкии соҳибкорӣ;

- муқаррар кардани он ки оё ба депозитҳои бонкӣ пули нақд гузошта мешавад ё на;

г) ҳангоми таҳлили ҳисобҳои бонкӣ мақомоти андоз ба пасандозҳои ғайримуқаррарӣ (аз рӯи ҳаҷм ё манбаъ), мунтазамии умумии пасандоз кардан, ба пасандозҳои нақдӣ, пасандозҳои махсус, ки аз фаъолияти ҳаррӯза ё тарзи амали андозсупоранда фарқ доранд, ба пасандозҳо/депозитҳои аз андоз озодбуда, ба монанди вомбаргҳо/қарзҳо ва пулгузарониҳо, ба омехта кардани фаъолияти шахсӣ ва тиҷоратӣ, инчунин ба баргардонидани пули нақд ҳангоми анҷом додани пасандоз диққат медиҳанд (ҷустуҷӯ карда меёбанд).

38) Услуби манбаъ ва татбиқи маблағҳо (фондҳо):

а) ин услуби аниқ кардани даромади андозсупоранда барои муайян намудани ӯҳдадориҳои воқеии андозии андозсупоранда, таҳлили ҳаракати пули нақди андозсупоранда ва муқоисаи ҳамаи хароҷоти мавҷударо бо тамоми даромадҳои маълум (мавҷудбуда) дар давраи муайян дар бар мегирад. Камшавӣ ё зиёдшавиии арзиши активҳо ва пассивҳо (ӯҳдадориҳо) дар баробари хароҷот ва даромади андозбандинашавандаи тарҳшаванда ба инобат гирифта мешавад. Зиёдшавии хароҷот аз маблағи эъломияшуда ва даромадҳои андозбандинашаванда даромади эъломиянашудаи андозбандишаванда ҳисобида мешавад;

б) мақомоти андоз метавонанд ин услубро вақте истифода намоянд, ки тарҳҳои андозсупоранда ва дигар хароҷоти андозсупоранда нпсбат ба даромади эъломияшуда номутаносиб зиёд мебошанд;

в) ин услуб ба он назария асос меёбад, ки ҳама гуна барзиёдии моддаҳои хароҷотӣ (татбиқи фондҳо) нисбат ба моддаҳои даромад (манбаъҳои фондҳо) маънои кам кардани даромади андозбандишавандаро дорад;

г) ба ғайр аз баҳои боқимондаҳои активӣ ва пассивии ибтидоӣ ва ниҳоии тавозунӣ ва муайян кардани тафовути умумӣ, маблағи тағйирот тибқи ин усул аз рӯи ҳар як актив ва пассив дар алоҳидагӣ муайян карда мешавад;

д) манбаъҳои фондҳо (маблағҳо) тарзҳои дар давоми сол аз ҷониби андозсупоранда гирифтани пул мебошанд. Камшавии активҳо ва афзоиши пассивҳо (ӯҳдадориҳо) фондҳоро (маблағҳоро) ташаккул медиҳанд. Маблағҳо метавонанд аз манбаъҳои андозбандишаванда ва андозбандинашавандаи даромад ворид гарданд. Бинобар ин, мақомоти андоз бояд ҳамин тариқ барои андозбандӣ накардани ин маблағҳо манбаи маблағҳои андозбандинашавандаро муайян созанд;

е) истифодаи маблағҳо тарзҳои истифодаи (сарфи) пулҳои андозсупоранда дар давоми сол мебошанд. Афзоиши активҳо, камшавии пассивҳо (ӯҳдадориҳо), инчунин хароҷот барои зист - ҳамаи ин истифодаи пулро талаб менамояд ва аз ҳамин рӯ, истифодаи маблағҳо (фондхо) мебошад;

ё) Бо назардошти он ки натиҷаҳои ин услуб ба гардиши нақдина асос меёбанд, зарур аст нисбат ба андозсупоранда, ки ҳисоботро аз рӯи услуби ҳисобу замкунӣ мебарад, тасҳеҳ гузаронида шавад.

Мисоли истифодаи усули манбаъ ва истифодаи маблағҳо (фондҳо):

Истифодаи маблағҳо (фондхо)

Афзоиши бақияи бонкӣ 200

Хароҷоти шахсӣ 40 000

Ҳамагӣ истифодаи маблағҳо (фондхо) 40 200

Манбаи маблағҳо

Маблағҳои мавҷудаи соф (фондхо) 18 000

Ҳамагӣ манбаи маблағ 18 000

Зиёдии истифодаи маблағҳо нисбат ба манбаъҳо

Кам нишон додани даромади андозбандишаванда 22 200

39) Услуби болонархӣ:

а) ин услуб имкон медиҳад даромади андозсупоранда дар асоси истифодаи фоизҳо 10 фоизи даромаднокии эҳтимолӣ ё коэффитсиентҳо, ки барои намуди тиҷорати андозсупорандаи мазкур ба он машғулбуда муқаррарӣ мебошанд, бо мақсади муайян кардани ӯҳдадориҳои ҳақиқии андозин андозсупоранда, аниқ карда шавад (ќарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120);

б) коэффитсиентҳои мазкур метавонанд тавассути муоинаи хронометражӣ муайян карда шаванд. Ин нишондиҳандаҳоро, ки дар натиҷаи муоинаҳои хронометражии шаклҳои монанди тиҷорат ба даст омадаанд, истифода бурда, мақомоти андоз нисбат ба чунин шаклҳои монанди тиҷорат барои муайян кардани ҳаҷми мутаносиб ва арзиши фурӯши андозсупоранда, даромади умумӣ, ё фондаи соф, фоизҳисобкуниро истифода менамоянд;

в) ин услуби болонархӣ барои истифода кардан нисбат ба он шаклҳои тиҷорате самаранок аст, ки дар онҳо арзишҳои молию моддӣ омили ҳалкунандаи ташаккули даромад буда, дар онҳо ин арзишҳои молию моддӣ ба танзим дароварда мешаванд ё дар онҳо харидҳо метавонанд ба осонӣ бо ҳамон фоизи болонархӣ ба гурӯҳҳо тақсим карда шаванд. Дар он ҷое, ки арзиши (барои андозсупоранда ҳисобкардашудаи) молҳои фурӯхташуда ё молҳои харидашуда аз миқдори маҳдуди манбаъҳо бармеояд, ин манбаъҳо метавонанд ба ҳадди кифоякунанда аниқ муқаррар шаванд ва бинобар ҳамин нисбат ба нархҳои фурӯш дараҷаи мутобиқати кифоякунандаро доштан мумкин аст.

Мисоли истифодаи услуби болонархӣ:

Андозсупоранда дар Тоҷикистон молҳои истеъмолӣ истеҳсол мекунад. Ҳангоми назорати камералии эъломияи ҷории андози андозсупоранда ба мақомоти андоз маълум мешавад, ки андозсупорандаи мазкур хароҷоти истеҳсолии худро зиёд нишон додаст. Мақомоти андоз муоинаи хронометражиро истифода карда, метавонанд дар бораи таносуби муқаррарии хароҷоти истеҳсолӣ нисбат ба маблағи фурӯши умумӣ (даромади умумӣ) аз дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти истеъмолии мазкур, маълумот дастрас намоянд. Мақомоти андоз коэффитсиенти (таносуби) мазкурро барои ба даст овардани рақами дурусти хароҷоти истеҳсолии андозсупорандаи номбурда ва даромади андозбандишаванда истифода менамоянд.

40) Услуби ададӣ ва ҳаҷмӣ:

а) мақомоти андоз метавонанд маблағи фурӯши умумии (даромади умумии) андозсупорандаро тавассути татбиқи нархи фурӯш нисбат ба хаҷми соҳибкории андозсупоранда муайян кунанд ё санҷанд;

б) мақомоти андоз метавонанд миқдори ададҳо (воҳидҳо) ё ҳаҷми тиҷорати андозсупорандаро аз рӯи китобҳои баҳисобгирӣ ва сабтҳои андозсупоранда,

инчунин аз манбаъҳои берунӣ (шахсони сеюм) (тавассути санҷиши мутақобила) ё тавассути муоинан хронометражӣ муайян намоянд;

в) истифодаи услуби ададӣ ё ҳаҷмӣ барои муайян кардани ӯҳдадориҳои ҳақиқии андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин тавсия карда мешавад:

- мақомоти андоз метавонанд миқдори воҳид/ададро, ки андозсупоранда бо онҳо фаъолият кардааст, муайян намоянд, инчунин онҳо нархи воҳид/ададро медонанд;

- андозсупоранда ҳамагӣ якчанд намуди маҳсулотро мефурӯшад, ё миқдори маҳдуди хизматрасонии таҳвилшаванда мавҷуд мебошад ва нархе, ки андозсупоранда (нархи фурӯш) барои молҳо ё ва хизматрасонио истифода менамояд, дар давоми тамоми давраи андоз тақрибан якхела аст.

Мисоли татбиқи услуби ададӣ ва ҳаҷмӣ:

Ширкате, ки молҳои иетеъмолӣ истеҳсол менамояд санҷиш карда мешавад, ҳамзамон миқдори об, ки барои ҳар як воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда зарур аст, маълум мебошад. Ин маълумот инчунин тавассути муоинаи хронометражӣ ба даст оварда шудааст. Тибқи ҳисобҳо аз хадамоти коммуналӣ, андозсупорандаи мазкур 3000000 литр об истифода кардааст.

Миқдори оби истифодашуда (бо литр) 3000000

Истифодаи ғайриистеҳсолии об (ихроҷ) -50000

Миқдори тозаи об, ки барои истеҳсолот 2950000

зарур аст

Маълумот дар бораи миқдори об барои

як воҳиди маҳсулот, ки аз истеҳсолкунанда ё

тавассути муоинаи хронометражӣ ба даст

омадааст 27 литр

Миқдори аниқшудаи воҳидҳои

маҳсулот 2950000/27=109259

Нархи як воҳиди маҳсулот - 2,50 сомонӣ. Маблағи фурӯши умумӣ (даромади умумӣ) аз фурӯши воҳидҳои маҳсулот 109259 х 2,50/воҳид = 273148 сомонӣ.

41) Услуби арзиши соф:

а) ин услуби муайян кардани ӯҳдадориҳои андози андозсупоранда ба назарияе асос ёфааст, ки тибқи он афзоиши арзиши софи амволи (сармояи худии) андозсупоранда дар давоми соли андоз, ки аз рӯи хароҷоти тарҳнашаванда ва даромади андозбандинашаванда тасҳеҳ шудааст, бояд аз даромади андозбандишаванда ташаккул ёбад;

б) дар доираи ин услуб барои мақомоти андоз зарурати зоҳир кардани таваҷҷӯҳ ба манбаи махсуси (мушаххаси) даромад вуҷуд надорад, аммо танҳо бояд ба "имконияти" ё "эҳтимолияти" манбаъҳои эҳтимолӣ барои асоснок

кардани хулоса дар бораи он, ки даромади эъломиянашуда аз манбаи андозбандишаванда ба даст омадааст, ишора карда шавад;

в) ин услуб азнавсозии пурраи фаъолияти молиявии (хронологияи) андозсупорандаро талаб менамояд, зеро санҷишкунанда бояд тамоми активҳо, ӯҳдадориҳо (пассивҳо), хароҷоти тарҳнашаванда ва манбаъҳои маблағи андозбандинашавандаро барои давраи дахлдор ба инобат гирад;

г) мақомоти андоз метавонанд ин услуб (услуби арзиши соф)-ро нисбат ба андозсупорандагоне, ки манбаи даромади асосии онҳо фаъолияти ғайрирасмӣ мебошад ё дар ҳолатҳои ҳаннотӣ истифода намоянд;

д) мақомоти андоз метавонанд ин услубро ҳангоме истифода намоянд, ки дар арзиши софи амвол (сармояи худӣ) тағйироти муҳим ба амал омадаанд, дигар услубҳо бошанд, нокифоя ба ҳисоб меравонд;

е) илова бар он, ки услуби мазкур барои муайян кардани даромади андозбандишаванда метавонад ҳамчун воситаи асосӣ истифода шавад ва вобаста ба ин барои минбаъда муайян кардани ӯҳдадориҳои ҳақиқии андоз, мақомоти андоз метавонанд ин услубро (арзиши софи амвол ё сармояи худӣ) барои таҳкими дигар услубҳои исботнамоӣ истифода намоянд;

ё) барои истифода кардани услуби арзиши софи амвол мақомоти андоз бояд:

- арзиши софи ибтидоии амволи андозсупорандаро, ки ҳамчунин бо номи "арзиши софи базисӣ" маълум мебошад, бо дақиқии кофӣ муқаррар намоянд;

- тавзеҳоти андозсупорандаро дар бораи он, ки афзоиши арзиши софи амвол (сармояи худӣ) аз манбаъҳои андозбандинашаванда ба миён омадааст, рад созанд. Агар мақомоти андоз тавонанд ҳамаи манбаъҳои андозбандинашавандаи имконпазирро рад созанд, дар он сурат ба хулосае омадан мумкин аст, ки ин маблағҳо манбаи андозбандишаванда доранд;

- муқаррар намоянд, ки афзоиши арзиши софи амвол ба даромади ҷории андозбандишаванда мансуб мебошад.

Мисоли истифодаи услуби арзиши софи амвол (сармояи худӣ):

Андозсупоранда-соҳибкор дар давоми соли ҷорӣ даромади андозбандишавандаро дар ҳаҷми 150000 сомонӣ эъломия кардааст. Дар асоси сабтҳои баҳисобгирии бонкӣ ва замин, мақомоти андоз тавонистанд муқаррар созанд, ки арзиши софи амволи (сармояи худии) андозсупорандаи мазкур дар ибтидои соли ҷорӣ ба 400000 сомонӣ баробар будааст ва арзиши софи амволи (сармояи худии) андозсупорандаи мазкур дар охири соли ҷорӣ ба 1 млн. сомонӣ баробар шудааст. Андозсупоранда таъкид менамояд, ки чунин афзоиши калони арзиши софи амволи ӯ дар соли ҷорӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки ӯ аз шарики соҳибкори худ тӯҳфаи калон гирифтааст. Мақомоти андоз тавонистанд чунин изҳоротро рад намоянд, зеро андозсупоранда натавонист исбот намояд, ки барои чӣ шарики соҳибкори ӯ розӣ шудааст ба андозсупоранда чунин тӯҳфаро пешниҳод намояд. Ҳамин тариқ мақомоти

андоз тавонистанд хулоса баророанд, ки андозсупоранда даромади андозбандишавандаро эъломия накардааст, ба лоақал, ба андозаи 450000 сомонӣ, яъне он ҳиссаи афзоиш дар рушди арзиши софи амволи андозсупоранда, ки аз 600000 сомонӣ иборат буд, нисбат ба даромади андозбандишавандаи аз ҷониби ӯ эъломияшуда дар соли ҷорӣ, ки ба 150000 сомонӣ баробар аст, болотар мебошад

## БОБИ 10. АМАЛИЁТ БАЙНИ ШАХСОНИ МУТАҚОБИЛАН ВОБАСТА

42) Мутобиқи қисмҳои 1 ва 9 моддаи 21 ва моддаи 22 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андоз метавонанд даромадҳо ва ӯҳдадориҳои андози шахсони мутақобилан вобастаро бо дарназардошти маълумот дар бораи амалиёти шахсони мутақобилан вобастаи зикршуда бо шахсони бо ҳам вобастанабуда тасҳеҳ намоянд. Мисоли амалиёт байни шахсони мутақобилан вобаста: Корпоратсияи хориҷӣ дар Тоҷикистон ширкати фаръӣ дорад, ки барои фурӯш ба истеъмолгарони мутақобилан вобастанабуда (мизоҷон) дар дохили Тоҷикистон ва корпоратсияи хориҷӣ барои фурӯш берун аз қаламрави Тоҷикистон молҳои истеъмолӣ истеҳсол менамояд. Ширкати фаръӣ ба истеъмолгарони мутақобилан вобастанабуда (мизоҷон) дар дохили Тоҷикистон бо нархи 500 сомонӣ барои як адад молҳои истеъмолӣ мефурӯшад. Ширкати фаръӣ дар бораи ба корпоратсияи хориҷӣ фурӯхтани мол ҳамагӣ бо 400 сомонӣ барои як адад эъломия мекунад. Мақомоти андоз ҳуқуқҳои худро истифода бурда, нархи бозориро барои фурӯши мол ба корпоратсияи хориҷӣ дар ҳаҷми 475 сомонӣ барои як адад муқаррар менамоянд, бо назардошти он ки ин фурӯши мол дар маҷмӯъ сурат гирифта буд ва он чунин хароҷотро барои фурӯш, ки ҳангоми фурӯши мол ба истеъмолгарони бо ҳам вобастанабуда дар дохили Тоҷикистон ба миён меояд, талаб наменамояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

## БОБИ 11. ДАРОМАДИ ЭЪЛОМИЯШУДА, КИ БА ХАРОҶОТ МУТОБИҚАТ НАМЕКУНАД

43) Хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

44) Хориҷ карда шуд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

## БОБИ 12. АМАЛИЁТИ МУБОДИЛАИ МОЛ (БАРТЕРӢ)

45) Ҳангоми татбиқи муқаррароти қисми 9 моддаи 21 ва қисми 5 моддаи 90 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти андоз ҳама гуна амалиёти мубодилаи молро (бартериро) ҳамчун фурӯши мол (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) бо нархи бозорӣ баррасӣ ва объектҳои андозбандиро ба таври дахлдор тасҳеҳ менамоянд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.03.2023 № 120).

Мисоли андозбандии амалиёти мубодилаи мол (бартерӣ):

Андозсупоранда, истеҳсолкунанда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, бо мизоҷи худ амалиёти мубодилаи мол (бартерӣ) анҷом дода, ба ӯ ҳисоб пешниҳод кард, ки дар он арзиши воҳиди бартер (мол, кор, хизматрасонӣ) ба 500 сомонӣ баробар аст. Мақомоти андоз услуби муқоисавии нархи

танзимнашвандаро истифода бурда, муқаррар карданд, ки арзиши як воҳиди бо воҳиди бартерӣ анҷомдодаи андозсупоранда муқоисашаванда, ба 700 сомонӣ баробар аст. Мақомоти андоз бояд маблағи 700 сомониро барои аз нав ҳисоб кардани ӯҳдадориҳои андозии андозсупоранда истифода намоянд.